# ПРОТОКОЛИ №8
## маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-079

**аз 18 апрели соли 2025** **ш.Душанбе**

Дар ҷаласа иштирок доштанд:
аз 16 нафар аъзои шуро 13 нафар

Раиси шуро: Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2024, №364/шд тасдиқгардида 13 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 4 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Саидзода Дилшод Саид дар мавзуи «Самтҳои асосӣ ва тамоюлҳои таҳияи сиёсати давлатӣ дар шароити Тоҷикистони муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ.

## ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ доктори илмҳои сотсиологӣ Шоисматуллоев Шоназар ва аъзои комиссия доктори илмҳои фалсафа Фаттоҳзода С.С. ва доктори илмҳои сиёсӣ Каримов Ш.Т. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Саидзода Дилшод Саид дар мавзуи «Самтҳои асосӣ ва тамоюлҳои таҳияи сиёсати давлатӣ дар шароити Тоҷикистони муосир» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Саидзода Дилшод Саид дар мавзуи «Самтҳои асосӣ ва тамоюлҳои таҳияи сиёсати давлатӣ дар шароити Тоҷикистони муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Саидзода Дилшод Саид дар мавзуи «Самтҳои асосӣ ва тамоюлҳои таҳияи сиёсати давлатӣ дар шароити Тоҷикистони муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2.Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

-Назарзода Пиралӣ Сафар – доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ;

-Неъмонов Ҷафар Мулкамонович – номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

3.Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 05.07.2025, соати 13-00 муқаррар карда шавад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 13 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. Якдилона қабул карда шуд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои сиёсӣ** _______________/ **Қувватзода С.З.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои сиёсӣ** /_______________/ **Сангинов Н.Н.**